# Ҳисоботи
# Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
# оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2019

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавии худ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ амалишавии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд, дар мадди аввал қарор дошта, вобаста ба он аз 15 январи соли 2019, №6 фармоиши Раиси Кумита ба тасвиб расид, ки зимни он нақшаи чорабиниҳои Кумита иборат аз 32 банд таҳия гардида, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии паём ҷиҳати муайян намудани раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мушаххас гардиданд.

Ҷиҳати иҷрои 8 банди Нақша - чорабиниҳои паём (14, 15, 18, 29, 30, 31, 32, 37), Кумита ба сифати иҷрокунандаи 2 ва 3-юм муайян гашта, аз тамоми иҷрокунандагон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумотҳои зарурӣ дастрас ва мавриди таҳлил қарор дода, аз натиҷаи он дар мухлатҳои муқарраршуда ахборот ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намуданд.

Доир ба иҷрои 24 банди дигаре, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сифати иҷрокунанда муайян гардидаанд, Кумита дар асоси вазифаҳои низомномавии худ ҳамкориву ҳамоҳангсозиро ба роҳ монда, марҳила ба марҳила саривақт ба иҷро мерасонад.

Дар ин замина, ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақша – чорабиниҳо ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №3/5-737 (оид ба банди 15), Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №3/5-736 (оид ба банди 14), Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №3/5-739 (оид ба бандҳои 29, 30 ва 31) ва ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №3/5-738 (оид ба банди 18) мактуб ирсол карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» - ро барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, вобаста ба он нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, бо фармоиши Раиси Кумита аз 21 феврали соли 2019, №19 тасдиқ намуда, ҷиҳати иҷрои бандҳои 1 ва 22 оид ба пешгирӣ кардани таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисоди миллӣ, саноаткунонии кишвар ва зиёд намудани ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва вобаста ба беҳтар намудани идоракунӣ дар минтақаҳо, махсусан дар сатҳи шаҳрак ва деҳот, фарқияти афзояндаи иҷтимоию иқтисодии байни шаҳр ва деҳот, маълумотҳоро дастрас ва таҳлил намуда, таклифу пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2019, №1/5-128, аз 4 июли соли 2019, №1/4 – 137 ва аз 10 декабри соли 2019, №1/5 – 234 ирсол намуд.

Дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ яке аз талаботҳои аввали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар ин давра ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2019, №95 дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Раиси Кумита аз 27 марти соли 2019, №30 омода гардида, тибқи он нақша – чорабиниҳои Кумита ба тасвиб расида, дар заминаи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои супориши муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2019, №35743(22.7) оид ба пешниҳоди маълумоти мушаххас ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 15 августи соли 2019, №1/5-569 ва аз 20 декабри соли 2019, №1/5 – 744 мактуб ирсол карда шуд.

Вобаста ба иҷрои банди 1 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2019, №4 “Оид ба таҳияи барномаҳои мушаххасу воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии маҳаллаҳо, амалигардонии самарабахши онҳо ва ҷалби сармояи мустақим” мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июли соли 2019, №1/5-151 ирсол гардид.

Ҳамзамон ҷиҳати иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 “Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” Фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳал аз 5 сентябри соли 2018, №107 ба имзо расонида шуда, ҷиҳати татбиқи “Нақша чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2012-2020”, Нақшаи амали Кумита тасдиқ гардида, иҷрои он таҳти назорат қарор дорад.

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2019, №22/10-126, ҷиҳати мониторинги Нақша-чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2012-2020, инчунин ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 "Дар бораи Накшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва протоколи №1к/22-4 ҷаласаи XIX Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мактуб ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2019, 3/5-159 ирсол гардид.

Вобаста ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №117 "Оид ба саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020" Нақшаи чорабиниҳо ва фармоиши Раиси Кумита аз 11 апрели соли 2019, №33 таҳия ва тасдиқ гардида, рӯзи 19 апрели соли ҷорӣ ҷаласаи Ситоди фаврии Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба масъалаи мазкур, баргузор гардида, аз натиҷаи он протоколи дахлдор таҳия карда шудааст, ки тибқи тартиби муқарраргардида то 10-уми ҳар моҳ маълумотнома ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида истодааст.

Кумитаи рушди маҳал доир ба иҷрои супориши протоколии ҷаласаи Комиссияи давлатии мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 аз 2 майи соли 2019, №2к/37-22, банди 4, ба роҳбарӣ гирифта, пешниҳодҳои худро аз 11 июли соли 2019, №1/5 – 143 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равон кард ва ҳамзамон лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020"-ро мавриди баррасӣ қарор дода, мактуб ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2019, №1/5-519 ирсол намуд.

Иловатан ҷиҳати иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 2019, №7333(22.8) оид ба иҷрои банди 4-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2015, №572 "Оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2019, №1/5-586 мактуб ирсол кард.

Кумита бо мақсади иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2019, №17753 оид ба шомил шудан ба Гурӯҳҳои кории зинаи якум ва дуюм доир ба таҳияи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2019, №1/5 -552 пешниҳодҳоро манзур намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати иҷрои супоришҳои муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2019, №18478(27-6) ва аз 31 августи соли 2019, №6/27-60, Кумита лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "Барномаи саноаткунонии босуръати

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025” ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025”-ро баррасӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои худро ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2019, №1/5-531 ва аз 11 сентябри соли 2019, № 1/5-595 ирсол кард.

Кумитаи рушди маҳал иҷрои моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ», инчунин супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 29 январи соли 2019, №36/10-15, мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2019, №04-150 ва фармоиши Раиси Кумита аз 17 январи соли 2019, №8 ба роҳ монда, рӯзи 7 феврали соли 2019 дар толори Кумита машғулияти идоравӣ баргузор карда шуд, ки дар машғулияти номбурда ҷиҳати тартиби пур кардани эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дод ва аз ҷониби кормандони Кумита иҷрои он саривақт таъмин карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ва протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018, №2к/39-24 чораҳои амалӣ андешида, дар асоси он фармоиши Раиси Кумита аз 6 июни соли 2018, №46 оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, оид ба омодагӣ, корҳои сохтмону ободонӣ дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, ки Раиси Кумитаи рушди маҳал ҳамчун роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба таҳия ва амалӣ кардани нақшаи ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста гардидааст, иҷрои корҳои муайянро ба роҳ мондааст.

Дар ин замина, Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 268 банд тасдиқ шуда, ҷиҳати иҷрои супориши протоколи ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2016, №1 с/22-2, ҳадаф ва афзалиятҳои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бохтар барои солҳои 2016-2020» бо ҳадаф ва афзалиятҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» мутобиқ карда шуданд.

Нақшаи чорабиниҳои шаҳри Бохтар бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 337 банд бо маблағи 617 млн сомонӣ (ба истиснои 30 банд) иборат мебошад. Тибқи нақшаи мазкур дар соли 2018 16 адад иншоот ва 2019 102 адад иншоотҳо

мавриди истифода қарор дода шудааст, ки 100% ташкил медиҳад. Инчунин, дар 196 адад иншоотҳо корҳо сохтмонӣ идома дошта, дар 23 адад иншооти дигар корҳои ҳуҷҷатгузорӣ ба роҳ монда шудааст.

Инчунин, бо мақсади иҷрои барқияи ҳукуматӣ аз 30 августи соли 2019, №24/10-40 оид ба иҷрои бандҳои 2, 3 ва 6 протоколи машварати кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июли соли 2019, № 1к/16 дар маҷлиси тантанавӣ, чорабиниҳои ба истифода додани иншооти ҷашнӣ бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон 6 сентябри соли 2019 Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони вилояти Хатлон ва шаҳри Бохтар ва бо иштироки дигар шахсони масъул 18 иншооти таъиноти гуногуни иҷтимоиро, аз қабили биноҳои таълимӣ ва истиқоматӣ, сехҳои истеҳсоли шарбат, дузандагӣ, идораи маъмурии КДФ "Хоҷагии коммуналӣ" ва дигар иншоотҳои хизматрасонӣ мавриди истифода қарор дода, дар чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки Кумитаи рушди маҳал дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани маълумотҳо оид ба рафти сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ ба муносибати 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамкориро ба роҳ монда, ҷадвали намунавиро таҳия ва бо сохторҳои дахлдор тасдиқ намуданд.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2019, №24/10-8 оид ба иҷрои банди 65 паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд ва банди 38 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2019, №1 оид ба иҷрои корҳои ҳатмии нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома таҳия гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2019, №1/4-134 ирсол карда шуд.

Боиси қайд аст, ки аз ҷониби роҳбарияти Кумита бо иштироки аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва роҳбарони бахшу сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ҷаласаҳо баргузор гардида, протоколҳо ва супоришҳои он таҳти назорат қарор доранд.

Кумита дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" фармоиши Раиси Кумита ва Нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуда, аз 11 апрели соли 2019, №35 тасдиқ кард, ки рунамои он тариқи лавҳаи электронӣ рузи 14 апрели соли ҷорӣ дар бинои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби масъулини

Кумита манзури намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон ва намояндагони шариконӣ рушд гардонида шуд.

Кумита бо мақсади иҷрои банди 13 нақшаи чорабиниҳои мазкур, ҷиҳати ба нақшаи баргузории чорабиниҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ворид намудани баргузории конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Баланд бардоштани мақоми шаҳрак ва деҳот дар сохтори давлатдории муосир" пешниҳод ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1/4-86 ирсол намудааст.

Баҳри сазовар пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 34 Нақшаи чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 "Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани озмуни Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтарин дар сатҳи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Нақшаи чорабиниҳо, ҳайати гурӯҳи корӣ ва фармоиши Раиси Кумита таҳия ва аз 14 майи соли 2019, №43 тасдиқ карда шудааст.

Дар ин раванд, Кумита Низомномаи намунавӣ ва меъёрҳои муайян намудани Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтаринро таҳия намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2019, №1/4-104 барои тасдиқ пешниҳод намуд, ки тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, №24/10-183 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати корбарӣ пешниҳод гардидааст. Инчунин, барои дастрас намудани маълумот оид ба кори комиссияҳои маҳаллӣ мактуби дархостии Кумита ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия ва ирсол гардиданд. Бо ҳамин мақсад рӯзи 20 июни соли ҷорӣ таҳти роҳбарии Раиси Кумита ҷаласаи корӣ баргузор гардида, аъзоёни гурӯҳ тибқи руйхати тақсимот дар минтақаҳои ҷумҳурӣ вазифагузорӣ карда шуда, аз натиҷаи он санади дохилии Кумита тартиб дода шудааст.

Ҳадафи асосии Озмун иборат аз тарбияи ҳисси хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ободкорӣ, зебоишиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, муҳити зист ва ифтихор аз анъанаҳои миллӣ мебошад.

Робита ба ин, дар кӯчаву маҳаллаҳои шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, Озмуни маҳалла ва кӯчаи беҳтарин бо иштироки намояндагони Кумита ва масъулини шаҳр баргузор гардида, дар натиҷа ғолибони озмун бо тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар 26 маҳаллаҳои шаҳри Бохтари вилояти Хатлон бошад, рӯзҳои 4 – 5 сентябри соли ҷорӣ бахшида ба ҷашни 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, Озмуни маҳалла ва кӯчаи беҳтарин бо иштироки намояндагони Кумита ва масъулини шаҳр баргузор гардид.

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади ҷамъбаст намудани Озмуни мазкур аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал Гуруҳи корӣ таъсис ёфта, аз 20 то 24 ноябри соли 2019 ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сафар намуданд. Дар рафти сафари корӣ аз ҷониби Гуруҳи корӣ ба масъулин барои ҷамъбаст,ислоҳи камбудиҳо ва пешрафти кор барои гузаронидани Озмун дар солҳои минбаъда тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушаххас дода шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки марҳилаи якуми Озмун то 1 ноябри соли 2019 дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва марҳилаи дуюм дар сатҳи вилоят то 20 ноябри соли 2019 ҷамъбаст гардида, ғолибони озмун муайян карда шудааст, ки дар маҷлиси ҷамъбастии солонаи вилоят бо туфаҳо қадрдонӣ карда мешаванд.

Инчунин, вобаста ба масъалаи мазкур маълумоти пурраи таҳлилӣ бо мактуби расмӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2019, №1/4 – 340 ирсол гардид.

Кумита ҷиҳати иҷрои банди 48 Нақша чорабиниҳои болозикр оид ба баргузории семинар – машварат дар мавзӯи “Ташаккули худидоракунии маҳаллӣ, ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳраку деҳот” дар якҷоягӣ бо Агентии хизмати давлатӣ ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 10 – 12 октябри соли ҷорӣ дар ноҳияи Данғара Ҷамоати деҳоти Пушинг ва рӯзҳои 21 – 23 октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд бо иштироки раисони ҷамоати шаҳрак ва деҳот баргузор намуд. Дар семинари мазкур кормандони Кумита вобаста ба амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва тартиби таҳияи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо баромад намуданд ва аз натиҷаи семинар ба иштирокчиён “Гувоҳнома” тақдим гардид.

Дар баробари ин, Кумита ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, № АП-1140 ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2019, №16-10-3 низомнома, меъёрҳои муайян намудани ғолибон, руйхати ҳайат ва тақсимоти вазифаҳои аъзоёни гурӯҳи кории озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ва меъёрҳои муайян намудани ғолибон оид ба боғҳои фарҳангию фароғатӣ, хиёбон ва бунёди гулгаштҳоро таҳия намуда, ҳамзамон тибқи бандҳои 5, 6 ва 8-и Протоколи маҷлиси гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ оид ба баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 аз 15 феврали соли 2019 аз Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳоро оид ба номгӯи гулҳои оилаи лолагиҳо, гулҳои баҳорӣ, муҳлатҳои шинонидану шукуфтани гулҳо ва миқдори гулу гулбуттаҳои дар минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ коридашударо дастрас намуда, дар ҳамкорӣ бо

Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, Рамзи озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2019-2021 таҳия намуда, дар мувофиқа бо аъзоёнии гурӯҳи кории ҷумҳуриявии Озмун аз 7 марти соли 2019, №1/4-129 ва аз 15 марти соли 2019, №1/4-285 пешниҳодҳоро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Даври ҷамъбасти озмун бо иштироки Комиссияи кории ҷумҳуриявӣ рӯзи 14 апрели соли 2019 дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи "Абдулқосим Фирдавсӣ" - и шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар он ғолибон муайян шуда, аз натиҷаи чорабинӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1/4 – 82 мактуб ирсол карда шуд.

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла Рашт, Нуробод, Тоҷикобод ва Лахш озмуни мазкурро дар ҷашни Ваҳдати миллӣ баргузор намуда, ғолибонро бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карданд.

Қобили қайд аст, ки бо сабабҳои номусоидии вазъи боду ҳаво, боришоти барфи зиёд шинонидани гулҳои мавсимӣ дар қисмати ноҳияҳои кӯҳии вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, шаҳри Роғун ва ноҳияи Файзобод Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баргузор гардиданд.

Инчунин, Кумита ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2019, №16/10 – 274 рӯзи 4 декабри соли 2019 дар толори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе семинар – машварат оид ба озмуни ҷумҳуриявии гулҳо "Сайри гули лола" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2021 ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани он дар соли 2020 бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баргузор намуд. Тибқи барномаи тасдиқгардида иштирокчиёни семинари мазкур аз рафти корҳои гармхонаи гулпарварии боғи Ирам ва КВДИИ "Сабзкор" –и шаҳри Душанбе дидан намуданд.

Бо мақсади иҷрои барқияи ҳукуматӣ аз 22 июли соли 2019, №34/10-34 ҷиҳати мақсаднок истифода бурдан ва расонидани кумакҳо ба табақаҳои эҳтиёҷманд, осебпазир, оилаҳои ба сохтмони манзили истиқоматӣ ва ба таъмир ниёзманд аз ҳисоби маблағҳои садақаи иди Қурбон ва дигар маблағҳои хайриявӣ дар асоси мактуби дархостии Кумита аз 25 июли соли 2019, №1/4-536 маълумотҳоро аз мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намуда, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, аз натиҷаи он маълумотнома ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 2019, №1/4-176 пешниҳод карда шуд.

Дар асоси супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, №24/10-224 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон аз 23-24 майи соли 2019 баён доштанд, инчунин аз ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт 24-26 июни соли ҷорӣ баён доштанд, аз 2 сентябри соли 2019, №24/10-332 ва №24/10-333 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳри Ваҳдат 2 августи соли 2019 ва ба ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалинги вилояти Хатлон 5-8 августи соли 2019 баён доштанд, санадҳои дохилии Кумита ва нақшаи чорабиниҳои Кумитаро таҳия намуда, тасдиқ гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2019, №443192(24.2) оид ба пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон дар бораи таъсиси Ҷамоати шаҳрак дар заминаи Ҷамоати деҳоти “Ховалинг”, ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон, Кумита лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода намуда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахлдор аз 8 июли соли 2019, №345 қабул гардид.

Ҳамзамон дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 2019, №441911/24 вобаста ба мутобиқ намудани номи маҳаллаҳои аҳолинишини баъзе деҳаҳои дурдасти шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ тартиб дода, айни ҳол дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дошта, ҷиҳати мутобиқ намудани баъзе санадҳои маҳаллаҳои аҳолинишин ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ” ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд аз 13 августи соли 2019 №2/4-566 пешниҳод ирсол гардид.

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2019, №443608(24.9) Кумита хулосаи худро барои ҷонибдорӣ намудани номивазкунии маҳаллаҳои аҳолинишини шаҳри Ваҳдат таҳия намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2019, №1/4-170 пешниҳод намуд.

Кумита тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2019 №251870(24.2) масъалаи сохтмони бинои ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Мурғоби вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро мавриди омӯзиш қарор дода, аз натиҷаи он таклифу пешниҳодҳои асоснокро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли ҷорӣ, №1/4 – 176 пешниҳод намуд.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 2019, №32/10-114310 ва дархости Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

баргузории мониторинг доир ба ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар шаҳру ноҳияҳои кишварро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, хулосаи Кумита ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №1/4-177 ирсол гардид.

Дар ин давра ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2019, №395/24 ва нақшаи кории Кумита барои нимсолаи якуми соли 2019 оид ба масъалаҳои таҳлили рафти амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб, барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 30 июли соли 2015, №24 тасдиқ гардидааст, ҳамзамон омӯзиши корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб оид ба иҷрои супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 ва иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2019, №3127 (24.2) оид ба таҳлили рафти татбиқшавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.14, №809 тасдиқ гардидааст ва омӯзиши сохтори идоракунии маҳаллӣ дар шаҳри Кӯлоб, рӯзҳои 30 апрели соли 2019 дар ноҳияи Варзоб ва 15 июли соли 2019 дар шаҳри Кӯлоб дар ҷаласаҳои сайёри Ҳайати мушовара мавриди муҳокима қарор гирифта, аз натиҷаи он мактубҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 2019, №1/5-173 ва аз 18 июли соли 2019, №1/5-153 мактуб ирсол карда шуд.

Ҳамзамон барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мактубҳо ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб аз 6 майи соли 2019, №1/5 – 393, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 18 июли соли 2019, №1/5-527 ва шаҳри Кӯлоб аз 18 июли соли 2019, №1/5-528 ирсол карда шуд.

Дар ҳамин замина тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.09.2019, №3174(24.2) вазъи иҷрои марҳилавии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", вобаста аз раванди амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби гуруҳи кории Кумита мавриди омӯзиш қарор гирифта, рӯзи 10 октябри соли 2019 дар ҷаласаи сайёри Ҳайати мушовараи Кумита бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор дар ноҳияи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Аз натиҷаи ҷаласаи мазкур мактуб ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 октбяри соли 2019, №1/4 – 202 ва пас аз дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли ҷорӣ, №3193(24.2) маълумоти мушаххас

ба вазорату идораҳои дахлдор барои корбарӣ ва ислоҳи камбудиҳо аз 11 ноябри соли 2019, №1/4 – 675 ирсол гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумита тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2019, №443620(24.9) оид ба дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав ҷиҳати эълон намудани минтақаи сайёҳӣ бо назардошти мавзеъҳои сайёҳию таърихӣ дар деҳаи Хуҷӣ, Ҷамоати деҳоти Чуст ва манзараҳои зебои дараи Қаратоғро мавриди баррасӣ қарор дода, пешниҳодҳоро ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2019, №1/4-579 ирсол намуд.

Дар ин давра бо мақсади иҷрои банди 3.2 Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи дуюми соли 2019, ки бо фармоиши Раиси Кумита аз 20 июни соли 2019, №51 тасдиқ шудааст, ҷиҳати амалигардонии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва “Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ” бо иштироки раисон ва котибони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Рашт 12 сентябри соли ҷорӣ бо иштироки кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот семинар-машварат баргузор карда шуд.

Кумита ҷиҳати иҷрои вазифаи низомномавии худ «Омодасозии пешниҳод ба ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот», «Шакли намунавии пешниҳоди маълумоти ҷамъбастӣ, вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи ҳисоботии семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона” такмил дода, бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №348/24 ба суроғаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷро ва корбарӣ ирсол намуд.

Арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар семоҳаи аввал, нимсола ва нуҳмоҳаи соли 2019 бо истифодаи “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот” таҳлил намуда, аз 15 майи соли 2019, №1/5-105, №1/5-106, №1/5-107, №1/5-108, аз 1 августи соли 2019, №1/5 – 165 ва аз 01.11.2019, №1/5 – 211, №1/5 – 212, №1/5 – 213, №1/5 – 214, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол гардид.

Вобаста ба ислоҳи камбудиҳои “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот” дар соли 2018 ва 3 моҳаи аввали соли 2019 вокуниши вазорату идораҳоро оид ба ислоҳи камбудиҳои қайдгардида ҷамъбаст намуда, аз 21 майи соли 2019, №1/5-112 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол карда шуд.

Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, №3111 (24.2), аз 11 сентябри соли 2019, №3160 (24.2) ва аз 8 ноябри соли 2019, №3207 (24.2) бо мақсади ислоҳи камбудиҳои дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ошкоршуда ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба вазорату идораҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар мактуб равона гардид.

Кумита ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2019, № 30-5/149 оид ба амалигардонии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, №678 тасдиқ карда шудааст, чораҷӯӣ намуда, пешниҳодҳои худро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.08.2019, №2/5 – 167 ва ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 сентябри соли 2019, №3/5-597 ирсол намуд.

Дар ин давра оид ба мониторинги рафти татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 аз шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳисоботҳоро ҷамъбаст намуда, барои таҳлил ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Кумита дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2019, №32/10-99 оид ба иҷрои бандҳои Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба рафъи табъизи нажодӣ;

- аз 4 майи соли 2019, №112227(29-3) оид ба Нақша - чорабиниҳо аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия вобаста ба пешбурди ҳамкориҳои минтақавӣ, тавсеа ва таъмини робитаҳо байни ду давлат дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ;

- аз 5 июли соли 2019, №22/10-225 оид ба пешниҳод намудани маълумотҳо вобаста ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва аз 15 июли соли 2019, №22/10-252 оид ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд”;

- аз 10 июли соли 2019, №26/10 – 173 оид ба Нақша – супориши обуна ба рӯзномаҳои “Ҷумҳурият”, “Садои мардум”, “Народная газета”, “Халқ овози”, “Адабиёт ва санъат”, “Ваҳдат”, маҷаллаҳои “Бонувони Тоҷикистон”, “Пайванд”, “Садои шарқ” ва “Памир”;

- аз 17 июли соли 2019, №29-10/358 вобаста ба иҷрои банди 7-и протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2019, №6;

- аз 24 июли соли 2019, №24/10 – 285 Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба

ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт 24 – 26 июни соли 2019 баён доштанд;

- аз 29 июли соли 2019, №113670(29-7) оид ба натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Беларус (28 – 30 июни соли 2019, Минск);

- аз 1 августи соли 2019, №3152(29-3) оид ба сафари ҳайати намояндагӣ аз мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ;

- аз 1 августи соли 2019, №113959(29-4) оид ба ташаббуси Россия ба роҳандозии ҳамкориҳо ҷиҳати рушди минтақаҳо ва деҳоти дурдасти давлатҳои узви СҲШ;

- аз 1 августи соли 2019, №113928(29-9) ҷиҳати таъсиси кумитаи муштараки пайгирии ҳамкориҳо байни вилояти Хуросони Разавии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва шаҳри Душанбе, вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз 19 августи соли 2019, № 17838(29-8) "Оид ба робитаҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ИМА";

- аз 28 октябри соли 2019, №24/10-16 оид ба пешниҳоди лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2020”;

- аз 14 ноябри соли 2019, №31123 оид ба баррасии лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди маҳал ва Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ корбарӣ намуда, аз натиҷаи иҷрои супоришҳои болозикр ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор ахборот манзур намудааст.

Дар ин давра Кумита иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2018, №519 оид ба рафти иҷрои “Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020” – ро мавриди баррасӣ қарор дода, мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2019, №1/5-156 ирсол намуд.

Вобаста ба баррасии лоиҳаи Қонуни намунавии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил “Дар бораи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ” аз ҷониби Кумита мактуб омода гардида, ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2019, №1/5-550 ирсол шуд.

Инчунин, Кумита мавқеи ҷониби Ӯзбекистон ва Қазоқистонро оид ба лоиҳаи Консепсияи ҳамкориҳои давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай роҷеъ ба рушди минтақаҳо ва деҳоти дурдасти дар қарни технологияи рақамӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2019, №1/5 – 622 пешниҳод манзур намуд.

Бо мақсади иҷрои саривақтӣ ва сифатноки Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои протоколии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода аз 3 майи соли 2019, №2к/39-24, аз 19 ноябри соли 2018, №2к/84-24 ва аз 22 августи соли 2018, №2к/62-24,

пешниҳодҳо омода гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии аз 15 августи соли 2019, №1/5-570 ва аз 7 октябри соли 2019, №1/5 – 643 ирсол гардид.

Вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2019, №393 “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2019” ва нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2019, №7 тибқи фармоиши Раиси Кумита нақша-чорабиниҳо таҳия гардида, аз 19 августи соли 2019, №66 тасдиқ карда шуд. Инчунин, вобаста ба иҷрои сархати 1 банди 4-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2019, №393 мактуб ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2019, №1/5-568 ирсол карда шуд.

Дар ин давра мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Варзоб барои расонидани кӯмаки методӣ оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба Кумита муроҷиат намуда, вобаста ба баррасии мактуби шаҳри Турсунзода аз 23 июли соли 2019, №3172 ҷиҳати расонидани кӯмаки методӣ ва ҳамкорӣ дар таҳияи лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Турсунзода барои солҳои 2020-2024 корманди Кумита сафарбар карда шуд ва аз натиҷа пешниҳодҳо ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2019, №3/5-599 ирсол гардид.

Инчунин, Кумита лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020 – 2025 ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020- 2025» - ро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои мушаххас барои пешрафт ва рушди минтақа ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 сентябри соли 2019, №1/5 – 180 ирсол гардид. Ҳамзамон, Кумита пас ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаҳои болозикр баррасӣ намуда, муайн гардид, ки таклифу пешниҳодҳои ба инобат гирифта шуда, ба онҳо ворид гардиданд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳамаҷониба омӯхтани захираву имкониятҳо ҷиҳати таъмини тараққиёти ноҳияи Сангвор, аз ҷумла соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, бахшҳои хизматрасонӣ рӯзи 15 ноябри соли ҷорӣ бо иштироки намояндагони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, ШСХК “Барқи Тоҷик”, роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор, воҳидҳои сохтори роҳбарони ташкилоту идораҳо, раисони ҷамоатҳо, директорони мактабҳо, раисони кумитаҳои маҳалла, фаъолони ноҳия дар бинои қасри фарҳанги ноҳияи Сангвор ҷаласаи корӣ дар мавзуи зикршуда баргузор намуд. Аз натиҷаи ҷаласаи гузаронидашуда таклифу пешниҳодҳои мушаххас вобаста ба таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи

Сангвор бо мактуби расмӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2019, №1/5 – 336 ирсол гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ба 20 лоиҳаи қонунҳо ва лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои ҳуқуқии Кумита омода гардида, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, такмили низоми идоракунии маҳаллӣ, такмил ва таҳкими асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодӣ инчунин таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои дастгоҳи ҷамоату шаҳраку деҳот лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот”-ро таҳия намуд, ки баъд аз мувофиқа бо сохторҳои дахлдори давлатӣ дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №92 қабул гардид.

Дар таърихи 4 апрели соли 2019, №1598 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» тибқи тартиби муайяншуда қабул гардид ва аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Вобаста ба ин тағйирот, дар асоси моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №115» ва лоиҳаи Низомномаи намунавии дастгоҳи Ҷамоати шаҳрак ва деҳот таҳия карда шуда, баъди мувофиқа намудани он бо вазорату кумитаҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо барои баррасӣ аз 19.08.2019 сол, №1/6 – 175 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Таҳияи Низомномаи мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароит барои рушди маҳал, таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои дастгоҳи ҷамоату шаҳраку деҳот мебошад.

Дар робита ба ин, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №115” ва лоиҳаи Низомномаи намунавии дастгоҳи Ҷамоати шаҳрак ва деҳот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 2019, №577 тасдиқ гардид.

Кумитаи рушди маҳал оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ҳамкорӣ бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 то 7 декабри соли 2019 доир намудани суҳбату вохӯриҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва аҳолии шаҳру ноҳияҳо, бахусус занон ва ҷавонон оид ба худогоҳию хештаншиносӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолона ширкат варзидан дар маъракаҳои интихоботӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок намуда, дар мавзӯи "Раванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии занон дар маҳал" суханронӣ намуданд.

Бо мақсади тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ ва иҷрои мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2017, №11-2047, бо фармоиши Раиси Кумита Нақшаи машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 тасдиқ гардида, оид ба натиҷаи баргузории машғулиятҳои идоравӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2019, №1/7- 495 маълумот пешниҳод гардид

Ба ҳолати 1 октябри соли 2019 барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ, маърифати ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Кумита дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ аз рӯи барномаҳои вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ 6 нафар мутахассисони Кумита иштирок намуда, донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

Дар ин давра 18 нафар, аз ҷумла: 3 нафар магистрантон ва 10 нафар донишҷӯёни Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 5 нафар донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар Кумита фаро гирифта шуданд.

Рӯзи 19 ноябри соли ҷорӣ аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии Кумита баргузор гардид, ки дар баробари аъзоёни комиссияи Кумита мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо ва намояндаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.

Ҳамин тариқ 10 нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсия фаро гирифта шуда, 2 нафар бо сабабҳои узрнок дар аттестатсия иштирок карда натавонистанд. 10 нафар хизматчиёни давлатие, ки ба аттестатсия фаро гирифта шуданд, ба мансаби ишғолнамудааш мувофиқ дониста шуда, аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ 2 нафар барои дохил кардан ба захираи кадрҳо ва 1 нафар ба мансаби баландтар тавсия дода шуд. 2 нафар кормандоне, ки ба аттестатсия фаро гирифта нашудаанд тибқи ҷадвали иловагӣ ба аттестатсия фаро гирифта мешаванд.

Тибқи талаботи моддаи 56 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ ва мувофиқи

намунаи ҷадвали замимагардида аз натиҷаи ҷамъбасти аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2019, №1/7-227 ва ба мақоми ваколатдор Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2019, №1/7-712 маълумот ирсол карда шуд. Инчунин, хизматчиёни давлатии маъмурии Кумита, ки ба аттестатсия фаро гирифта шуда буданд бо маводҳои лозима ва хулосаи комиссияи аттестатсионӣ шинос карда шуданд.

Бо мақсади иҷрои талаботи моддаи 26[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", бандҳои 17 ва 23 Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.05.2011, №1074 тасдиқ шудааст, натиҷаи ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ дар Кумита мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2019, №1/7-729 маълумот ирсол карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2010, №756 "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" маводҳои дахлдор барои соли 2019 омода гардида, аз ҷониби роҳбарият тасдиқ карда шудааст.

Дар бораи мониторинги ба хизмати давлатӣ ворид гардидан занону духтароне, ки тибқи квотаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти олӣ гирифтаанд маълумоти дахлдор ба мақоми ваколатдор оид ба соҳаи хизмати давлатӣ ирсол карда шудааст.

Дар асоси Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ шудааст, барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос, салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ бо фармоишҳои Раиси Кумита аз 13 феврали соли 2019, №14, аз 15 майи соли 2019, №44, аз 4 июли соли 2019, №55 ва 10 сентябри соли 2019, №70 «Оид ба гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар Кумита» дар рӯзномаҳои давлатӣ озмун эълон карда шуда, ҳамзамон дар сомонаи расмии Кумита www. ldc.tj эълон ҷой карда шуд.

Дар асоси фармоишҳои мазкур ва тибқи муқаррароти ҷойдошта ба 9 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос бо тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумитаро ишғол намуда, аз рӯи Низомномаи Кумита, дастурамали мансабӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд.

Инчунин 2 нафар кормандон, ки дар захираи кадрҳои Кумита шомил буданд дар асоси сархати 5 банди 4 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ба мансабҳои баландтар таъин карда шуданд.

Ҷиҳати иҷрои моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", ки аз 5 марти соли 2007, №233 дар нимсолаи дуюми соли 2019 бо фармоишҳои Раиси Кумита аз 11 сентябри соли 2019 ба 6 нафар хизматчиёни маъмурии Кумита рутбаҳои тахассусӣ дода шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш аз санаи 5 ноябри соли 2018 то 25 январи соли 2019 омӯзиши курси забони англисӣ дар Кумита баъд аз соатҳои корӣ ба роҳ монда шуда, кормандон дар ду гуруҳ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд. Баъди ба итмом расидани курси номбурда кормандон ба санҷиш фаро гирифта шуда, бо "Гувоҳнома" таъмин карда шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки тибқи даъват роҳбарияти Кумитаи рушди маҳал дар дар чорабиниҳои фарҳангии Иди байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе, дар ҷашни Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳия Рашт, дар чорабиниҳои 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифтитоҳи агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқии обии Роғун, дар вохурии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон, саноатчиёни кишвар ва кормандони Иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар чорабинӣ бахшида ба рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуд.

Инчунин, то ин давра роҳбарияти Кумитаи рушди маҳал тибқи тартиби муқарраргардида бо намояндагони ташикилотҳои байналхалқӣ, аз ҷумла бо GIZ, JICA, Бонки умумиҷаҳонӣ ва Иттиҳоди Аврупо вохӯрӣ намуд.

Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1339 «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», фармоиши Раиси Кумита аз 6 марти соли 2017, №28 ба тасвиб расонида шуда, ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе шаҳрвандон қабул карда мешаванд. Оид ба ташкил тартиби ҳуҷҷатгузорӣ, таъмини қабули шаҳрвандон дар қабулгоҳҳои раис, муовинони раис ва сардорони раёсатҳо ба танзим даровaрда шуда, дафтарҳои бақайдгирии шаҳрвандон дар қабулгоҳҳо ташкил карда шуда, зери назорати мунтазами роҳбарияти Кумита қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи роҳбарияти Кумита 97 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Ҳамзамон, ба Кумита 11 адад муроҷиатҳои хаттӣ ворид шудааст, ки 2 адади он тариқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст. Аз шумораи умумии муроҷиатҳои хаттӣ 9 адад муроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ ва 2 адад муроҷиати хаттии шахсони ҳуқуқиро дар бар мегирад. Муроҷиатҳо асосан оид ба ташкили боғ, дастгирии лоиҳаҳо вобаста ба гузаронидани оби ошомиданӣ ва расонидани кӯмакҳои молиявӣ, оид ба ҳамкорӣ бо Кумитаро дар бар гирифта, ҳамаи онҳо дар асоси муқаррароти Қонун баррасӣ карда шудаанд.

Дар баробари ин дар давраи ҳисоботӣ дар асоси дархости кормандон 20 адад маълумотнома оид ба фаъолият дар Кумита ба ҷойҳои лозима пешниҳод карда шудааст.

Дар ин давра ба Кумита 2174 ҳуҷҷатҳо ворид гардидааст, аз он ҷумла: Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 4 адад, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 21 адад, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 70 адад, Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 адад, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, Шӯрои маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 16 адад, нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 28 адад, 386 адад супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Сарвазири ҶТ ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ ва 42 адад барқияи ҳукуматӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 175 адад барқияҳои телефонӣ аз вазорату идораҳо, 764 мактуб аз вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар мақомотҳо, 662 мактубҳо аз вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ворид шудааст.

Аз тарафи кормандон 90 адад фармоишҳои Раиси Кумита таҳия ва ба тасвиб расонида шуда, инчунин 924 адад мактуб аз ҷумла: 228 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 696 адад ба вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, корхона ва ташкилотҳои далдор ва шаҳрвандон содир карда шудаанд.

Дар ин давра, кормандони Кумита тибқи тартиби муқарраргардида бо музди меҳнат ва маблағҳое, ки барои сафари хизматӣ пешбинӣ гардидааст, таъмин шуданд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид мегарданд, дар муҳлатҳои муқарраргардида таъмин намуда, вобаста ба иҷрои вазифаҳои низомномавии худ пайваста тадбирҳо меандешад.

Раиси Кумита Қосим Роҳбар